ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо “Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа

Рисолаи илмии Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо ба масъалаи муҳим – таснифоти илм дар фалсафаи мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, бахшида шудааст. Баррасии матолиби мазкур барои тамоми давраҳои таърихи фалсафа яке аз масъалаҳои муҳимтарини илмӣ ба ҳисоб меравад. Аммо он махсусан дар давраҳои муҳими рушди таърих, ки мавҷудияти фалсафа ва фарҳанги на танҳо як қавму миллат, балки мавҷудияти фалсафаи тамоми халқҳои Шарқи исломӣ зери таҳдид қарор дорад, аҳамияти зиёдтаре пайдо мекунад.

Рисолаи Ниёзӣ Ёрмаҳмад дар мавзуе навишта шудааст, ки барои шинохти таърихи илм, фалсафа, риёзӣ, табиӣ ва мантиқ дахл дорад.

Дар шароите, ки аз як тараф, иддае аз пайравони дини ислом, аз асрҳои миёна то ҳозир, фалсафа ва илмҳои табииро ғайришаръӣ дониста, дар муқобилашон камин гирифтаанд ва аз тарафи дигар бархе аз муҳаққиқони ватанӣ кӯшиш доранд, ки таълимоти мутафаккирони гузаштаи моро ба шариати арабӣ мутобиқ намоянд, арзиши ин гуна пажуҳишҳо бештар мегардад. Аҳамияти амалии рисола боз дар он ифода меёбад, ки он ба андешаи аврупоии дар илм ҳукмрон, ки тибқи он гӯё фалсафаи Шарқи исломӣ такрор ва ё нусхаи фалсафаи юнонӣ ба ҳисоб меравад, ҷавоби хубе аст. Аз ин лиҳоз, таҳлили андешаҳои Форобӣ, Ибни Сино ва дигар мутафаккирон, ки дар рисолаи мазкур таҳқиқ шудааст, метавонад барои ташаккули андешаҳо ва назарияҳои нави илмӣ, оид ба фалсафаи мутафаккирони гузаштаи мо, замина гузорад.

Дар муқаддимаи рисола тибқи муқарароти расмӣ мубрамияти мавзӯъ асоснок карда шудааст, ки мо бо он комилан розием. Дараҷаи омӯзиши назариявии мавзуъ ва манбаи сарчашмашиносии он ба талаботи меъёрӣ

мувофиқат мекунад. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки омӯзиши он то ҳол дар илми ватанӣ нокифоя аст, ин таснифоти илм ва барқарор намудани манзараи илмии олам аз нигоҳи мутафаккирони гузашта мебошад, зеро ҷомеаи муосир бештар ба тарғиби улуми табиӣ ва методи хирадгарой ниёз дорад.

Рисола аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар боби аввал, **"Сарчашмаҳои назариявии ташаккули таснифоти илм дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик"**, масъалаи табақабандии илм дар таърихи фалсафа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки усул ва вазифа, равиш ва назарияҳои мухталифро дар таърихи илм аз рӯи равандҳои муосири илмию фалсафӣ муайян намояд.

Аз тадқиқоти маълум мешавад, ки илми муосир танҳо маҳсули тафаккури донишмандони Ғарб набуда, дар баробари онҳо мутафаккирони Шарқ низ дар ташаккули илми ҷаҳонӣ саҳми арзандаи худро гузоштаанд. Муаллиф таснифот ва такомули илмро дар фалсафаи Юнону Рим, махсусан, дар таълимоти Афлотуну Арасту ва намояндагони дигари мактаби машшоия таҳқиқ намудааст. Масъалаи мазкурро дар таърихи фалсафа ва фарҳанги тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода, ба натиҷае мерасад, ки фалсафаи юнонӣ бо роҳи тарҷимаю тафсир ба фалсафаи тоҷик таъсир расонд ва ин омил барои таснифоти илм дар фалсафаи тоҷик асос гузошт.

Дар боби дуюми диссертатсия "Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ (дар мисоли Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино)" таснифоти илм дар таълимоти ду нобиғаи Шарқ Ғ Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино, тартиби ҷойгиршавии илмҳои назарӣ дар фалсафаи онҳо, сохтор ва унсурҳои илмҳои амалӣ дар фалсафаи машшоиёни шарқӣмавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар ҷараёни тадқиқи мавзуи мавриди назар таснифоти илмҳоро дар муқоиса бо файласуфони юнонӣ таҳқиқ намуда, вижагиҳои

фарққунандаи онҳоро таъкид менамоям. Масалан, муҳаққиқ қайд мекунад, ки аз Арасту дида дар тақсимбандии Форобӣ гурӯҳҳо ва шумораи илмҳо зиёдтар аст. Дар бисёр маврид диссертант бартарии интиқодии Форобӣ ва Ибни Синоро аз файласуфони юнониён нишон медиҳад. Ин омил бори дигар собит менамояд, ки фалсафаи мутафаккирони шарқӣ нусха ё такрори фалсафаи Ғарб набуда, балки мактаби мустақили фалсафӣ мебошад. Масалан дар рисола қайд шудааст, ки "Масъалаи дигаре, ки Ибни Сино ба он назарияи наверо пешниҳод мекунад, ки ин илми мантиқ ҷузъ ё олати фалсафа мебошад. Арасту ва шогирдаш Искандари Афродисӣ гуфтаанд, ки мантиқ аз фалсафа ҷудост. Аммо равоқиён мантиқро ҷузъи фалсафа медонистанд. Ибни Сино бошад, мегӯяд, ки мантиқ барои фалсафа ҳам олат ва ҳам ҷузъе аз он аст" (саҳ. 134)

Муҳаққиқ ба чунин хулоса меояд, ки таснифоти Форобӣ дар замони худ комилтарин таснифоти илмӣ буда, таъсири худро чӣ дар Шарқ ва чӣ дар Ғарб гузошта, барои Ибни Сино сарчашмаи асосӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар боби мазкур инчунин ташаккули тақсимоти фалсафа, яъне илмҳои назарӣ аз тарафи Ибни Сино, ки онҳоро ба илми асфал, яъне илмҳои табиӣ, илми авсат, яъне риёзиёт ва илми аъло яъне илмҳои иллоҳӣ, ҷудо намудааст, мавриди таҳлил қарор гирифта, дар муқоиса бо таснифоти Форобӣ баррасӣ гардиданд.

Дар рисола андешаҳои сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино бо ҳам муқоиса гардида, диссертант ба чунин натиҷа мерасад: "Фарқ байни назари Ибни Сино аз низоми давлатие, ки Абунасри Форобӣ пешниҳод мекунад, ин аст ки мадинаи фозилаи ӯ як мадинаи мисолие аст, ки такя ба ахлоқ дорад ва аммо мадинаи одилаи Ибни Сино, то ҷое ки мо дарёфтем ва болотар ҳам зикр гардид, мадинаи вуҷудӣ ва воқеӣ аст, ки такя ба ҳуқуқи шаҳрванд дорад" (саҳ.231)

Дар охири боб муаллиф чунин натиҷагирӣ мекунад, ки Форобӣ ва Ибни Сино ҳар чанд қоидаҳои шариатро барои муносибатҳои иҷтимоӣ

зарур мешумуранд, лекин оид ба сохтор ва унсурҳои ҷомеа меъёрҳоеро пешниҳод мекунанд, ки дур аз шариати арабӣ буда, бунёд бар таҷриба ва дониши омӯхтаашон дорад.

Ба андешаи диссертант мактаби машшоиёни шарқӣ аввалин мактаби ақлию интиқодӣ мебошад, ки ҳастии оламро танҳо аз роҳи ақл маърифатпазир меҳисобад.

Дар боби сеюм, **"Аҳамияти илмӣ ва методологии таснифоти илм дар ташаккул ва таҳаввули минбаъдаи фалсафаи асрмиёнагии тоҷик"**, муаллиф таҳаввули минбаъдаи таснифоти илмро дар таълимоти мактабҳои фалсафии пайравони машшоияи асрҳои миёнаи тоҷик баррасӣ намуда, пеш аз ҳама ин омилро дар таълимоти Берунӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад ва таъкид менамояд, ки Берунӣ таълимоти Арасту ва Закриёи Розиро интиҳод намуда, мантиқи арастуиро дар шинохти ҳақиқат нокифоя медонад ва ба ҷойи он мантиқи математикиро пешниҳод менамояд.

Инчунин дар боби мазкур муҳаққиқ ба чунин натиҷа мерасад, ки пас аз нақди файласуфон аз ҷониби Ғазолӣ ва маҳдудшавии илм, Насриддини Тусӣ ягона шахсе буд, ки таснифоти илмро, ки аз ҷониби Арасту ва баъдтар Форобию Ибни Сино эҳё намуда, идома дод. Насриддини Тусӣ низ, ба андешаи муаллиф, илмҳоро мисли Ибни Сино ба назарӣ ва амалӣ таҳсим кардааст. Улуми назарӣ дар таълимоти ӯ ба се бахш таҳсим мешавад, ки табииёт, риёзиёт ва фалсафа мебошанд. Ҳамзамон муҳаққиқ раванди таснифоти илмҳоро дар осори Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ, Ибни Халдун, Аҳмад ибни Мустафо, Муҳаммад ибни Алии ат- Таҳонавӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Исҳоқ ибни Надим мавриди омӯзиш ва таваҷҷуҳ қарор дода, инчунин дар таълимоти мактабҳои фалсафии динию ирфонии асрмиёнагии тоҷик низ таҳқиқ намудааст. Дар боби мазкур муҳаққиқ дастовардҳои илмии мутафаккирони шарқи исломиро баррасӣ намуда, барҳаҚ қайд мекунанд, ки донишмандони Ғарб баъди асрҳои миёна аз таълимоти фалсафии мутафаккирони шарқӣ таъсирпазир буданд.

Ҷанбаҳои илмии рисола ва натиҷаҳои илмии бадастомада хело зиёданд. Аммо дар баробари натиҷаҳои арзандаи рисола баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ин□оянд:

1. Ба андешаи мо дар рисола ду мавзуи бисёр густурда баррасӣ шудааст, ки дар як таҳқиқот ин масъаларо баррасию таҳқиқ сангинтар мебошад.

2. Объект ва предмети тадқиқот мебояд вобаста ба мавзӯи пажуиш муайян мешуд. Чунин ба назар мерасад, ки объекту предмети тадқиқот аз мавзӯи баррасишаванда васеътар нишон дода шудааст.

3. Баъзе маъсалаҳое, ки дар рисола мавриди таҳлил қарор гирифтаанд ба ҳадаф ва вазифаи рисола он қадр мувофиқ нестанд. Масалан, баррасии масъалаҳои марг, Худо, судур, чавҳару араз дар зербоби 2-юми боби 2; масъалаҳои мадинаи фозила, ахлоқ, оиладорӣ дар зербоби 3 боби 2 низ бештар хусисияти иҷтимоӣ дошта, ба мавзуъ фалсафаи иҷтимоӣ эртибот дошта, аз хадафи асосии рисола дуранд; таҳлили донишҳои мифологӣ дар зербоби 3 боби 1 низ бо объекти омӯзиши рисола мувофиқат намекунад ва хусусияти илмии онро паст мекунад.

4. Ба диссертант зарур мебуд, ки тафовутро байни мафҳумҳои дониш ва илм (знание и наука) муайян мекард. Ҳарчанд “илм” муодули арабии калимаи “дониш”-и тоҷикист, аммо чуноне ки аз баррасиҳои муҳақиқ бар меояд, байни ин ду мафҳум аз нуқтаи назари илмии муосир тафовути зиёде ба назар медод.

5. Овардани ҷадвалҳои (таблица) гуногун ва истифодаи зиёди адабиёти таълимӣ мазмуни диссертатсияро бештар ба адабиёти таълимӣ наздик мекунанд, аз он ки ба илмӣ.

6. Хуб мешуд, ки дар зербоби алоҳида усулҳо (методҳо) –и тадқиқотии мутафаққирони форс – тоҷик бо равишҳои илмии олимони Ғарб муқоиса мешуд.

7. Масъалаи дигаре, ки дар рисола норавшан мемонад ин аст, ки оё машшоиёни шарқӣ, аз ҷумла Фаробӣ ва Ибни Сино низ худро машшоиён меномиданд, ё ин унвон сохтаи ғарбиён аст, ки баъдтар ба онҳо нисбат додаанд.

Аммо ин камбудиҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, барои анҷоми таҳқиқоти оянда мусоидат карда, муҳтавои таҳқиқоти мазкурро арзишманд менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо "Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик" кори мустақили илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии унвонҷӯй гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи "Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ииюни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Муқарризи расмӣ,
доктори илмҳои фалсафа,
дотсенти кафедраи фалсафа
ва сиёсатшиносии
ДДЗТ ба номи С. Улуғзода Ш.Х. Карамхудоева

Суроғa: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 16/7, ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, тел. (992) 93-713-03-72 E-mail: shukratk@mail.ru

Имзои доктори илмҳои фалсафа дотсент Ш.Х. Карамхудоевро тасдиқ менамоям
Сардори ШК ДДЗТ
ба номи С. Улуғзода Ш.Наджмуддинов